## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Шаҳнозаи Турсунзода дар мавзуи «Калимасозии сифат дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01–Забони тоҷикӣ. –Душанбе, 2025. – 173 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Такмили таркиби луғавии забон бо роҳҳои лингвистию ғайрилингвистӣ вобаста аст. Ин роҳҳо дар марҳилаҳои пешрафти забон ба омилҳои гуногун вобаста аст. Аз ҷумла, ташаккули забони тоҷикӣ дар замони нуфузи арабҳо ба он овард, ки дар соҳаи илму маориф калимаҳои зиёди арабӣ ворид шавад ва ё дар замони шуравӣ таъсири сиёсати давр боиси ворид гардидани калимаю истилоҳоти русиӣ-аврупоӣ дар соҳаи техника ва технология гардад, ки то ҳол идома дорад. Аммо воситаи дигари ташаккули таркиби луғавии забон дар асоси калимаҳои мансуб ба фонди асосии луғавӣ сохтани вожагони нав ба шумор меравад, ки онро бахши калимасозии забон меомӯзад. Ин аст, ки роҳу воситаҳои калимасозӣ дар дарозои таърих ҳамсафари забон буданд ва имрӯз ҳам дар сохтани калимаҳои нав амал менамоянд. Таҳқиқҳои сад соли охири соҳаи забоншиносӣ гувоҳи он аст, ки аз пештара дида ба масъалаи ошкор сохтани роҳу воситаҳои калимасозӣ аҳаммияти бештар дода мешавад. Ин аст, ки дар ин самт аз тарафи муҳаққиқон корҳои зиёде ба вуҷуд расидаанд, аммо бо ин наметавон гуфт, ки ҳамаи масоили марбут ба калимасозӣ ҳал гардидааст. Ба вуҷуд омадани рисолаҳои нав дар ин самт гувоҳи он аст, ки ҳоло корҳои зиёде дар пеш аст. Яке аз рисолаҳои тозаэҷод дар ин самт диссертатсияи унвонҷӯй Шаҳнозаи Турсунзода аст, ки дар мавзуи «Калимасозии сифат дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» мебошад, ки ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ, комилан, мувофиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Тавре ки баён кардем, таҳқиқи масоили калимасозӣ диққати донишмандони зиёдеро ба худ ҷалб кардааст. Ба вуҷуд омадани назарияи калимасозӣ ва муайян сохтани роҳҳои вожасозӣ дар ососи омӯзиши амиқи маводи осори луғатномаҳо, чакидаҳои хомаи адибони давраҳои гуногуни таърихи адабиётамон боиси ба вуҷуд омадани бахши алоҳидаи илмӣ гардидааст, ки диққати олимонро ба таври доимӣ ҷалб менамояд. Ин аст, ки дар ин самт номи донишманде чун В. В. Виноградов, М. Д. Степанова, В. С. Расторгуева, К. А. Левковская, К. С. Кубрякова, Н. Д. Чхеидзе, Л. С. Пейсиков, Н. М.

Оранский, М. Муҳаммадиев, С. Ҳалимов, Ш. Ниёзӣ, М. Н. Қосимова, Ш. Рустамов, Д. Хоҷаев, Э. Шоев, Ғ. Ҷӯраев, Д. Саймиддинов, Ф. Р. Амонова, М. Саломов, Ф. Шарифова, Ш. Кабиров, А. Ҳасанзода, Т. Ваҳҳобов, С. Назарзода, Т. Шокиров, О. Қосимов, М. Мирзоева, С. Низомова, М. Олимҷонов, А. Байзоев, Г. Мирзоев, Р. Шодиев, Д. Ҳомидов, А. Я. Амлоев, С. Низомова, Б. Д. Аловиддинов, М. Б.Норов ва даҳҳо нафари дигарро ном бурдан мумкин аст, ки дар самти калимасозӣ заҳмат кашида, асару мақолаҳои зиёде ба мерос гузоштаанд. Бо вуҷуди ин метавон гуфт, ки осори ин донишмандон гувоҳи он нест, ки масъалаҳои калимасозӣ ба анҷом расидаанд.

Баррасии осори адибони забардасти давраҳои гуногунамон дар самти калимасозӣ аҳаммияти муҳимми илмӣ дорад, ки дар ин самт корҳои зиёде дар пеш аст. Яке аз адибони забардасти муосири мо устод Айнӣ аст, ки осори ин адиб ба таври бояду шояд дар самти калимасозӣ омӯхта нашудааст. Барои ҳалли як самти калимасозӣ дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и ин адиб ба ҳимоя пешниҳод намудани диссертатсияи **Шаҳнозаи Турсунзода** дар мавзуи «**Калимасозии сифат дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ**» шаҳодати он аст, ки осори адиб дар самти калимасозӣ диққатҷалбкунанда ва мубрам ба шумор меравад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии диссертатсия дар он аст, ки пажуҳиши диссертатсионии масъалаҳои калимасозӣ дар замони рушди илму техника ва ба вуҷуд омадани мафҳумҳои нав аз масъалаҳои рӯзафзуни илмӣ ба шумор меравад. Баррасии ҳамаҷонибаи калимасозии мансуб ба гурӯҳҳои луғавӣ-грамматикии забон дар пешрафти короиҳои роҳҳои калимасозӣ амалан мусоидат карда, барои дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт сохтани вожаҳои нав кумак менамояд. Дар ин самт таҳқиқи ҳаматарафаи роҳҳои калимасозии ҳиссаҳои нутқ дар осори адибон зарур аст. Диссертатсияи Шаҳнозаи Турсунзода, ки дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» дар баррасии воситаҳои вожасозии сифатҳо кори тозаи илмӣ аст, дараҷаи навгонии онро таъмин менамояд.

Нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҷолиб ва муносиб буда, муаллиф асоситарин ва муҳимтарин масъалаҳои матраҳнамудаашро пешниҳод кардааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулосаҳо ва тавсияҳои кор ба он эътимоднок мебошанд, ки дар заминаи таҳлилу баррасии як асари мондагори

адибони бузурги халқи тоҷик – устод Айнӣ ба анҷом расидаанд. Хусусияти дуюми барҷастаи кор аз он иборат аст, ки ба назарияи калимасозии олимони забардасти соҳаи забон такя карда мешавад, ки ҳам донишмандони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ мебошанд. Зимни баррасии андешаҳои муҳаққиқони соҳа фикру мулоҳизаҳои муаллифи диссертатсия ҳам дида мешавад, ки дар кори илмӣ муҳим ба шумор меравад. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ боз дар он аст, маълумоти истифодашуда аз сарчашмаҳои дақиқи илмӣ буда, маводи истифодашуда ба кор пурра муносиб аст. Ҳаҷми интишорот, истифодаи дурусти усулҳои таҳқиқ ва хулосаҳои мантиқӣ эътимоднокии корро меафзояд.

Диссертатсияи Шаҳнозаи Турсунзода аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, 3 боб, 30 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия тибқи талаботи мавҷуда мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объекту предмети таҳқиқ, асосҳои назарӣ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмию нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Боби **якуми** диссертатсия «**Калимасозии сифат бо пешвандҳо дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ»** унвон дошта аз 9 фасл иборат аст, ки дар ҳар фасл ба таҳқиқи як пешванд машғул мегардад. Аз ҷумла, дар фасли 1.1. калимасозии пешванди ба-, дар фасли 1.2. вожасозӣ бо пешванди бар-, дар фасли 1.3. бо пешванди бе-, дар фасли 1.4. калимасозии пешванди бо-, дар фасли 1.5. вожасозӣ бо пешванди но- баррасӣ шуда, дар фаслҳои баъдӣ ба таҳқиқи пешвандгунаҳо пардохтааст. Ба ин маънӣ дар фасли 1.6. калимасозии пешвандгунаи пур-, дар фасли 1.7. вожасозӣ бо пешвандгунаи хуш-, дар фасли 1.8. калимасозии пешвандгунаи дил- ва дар фасли 1.9. вожасозии пешвандгунаи сер- мавриди таҳқиқ қарор мегирад.

Дар ин боб муҳим будани калимасозӣ тавассути пешвандҳо қайд шуда, доираи гуногуни истифодаи онҳо баён шуда, моҳияти шаклсозию калимасозии онҳо таҳқиқ мегардад. Пешвандҳои калимасозро ба се гурӯҳ: сермаҳсул, каммаҳсул ва бемаҳсул тасниф намуда, баррасии ҳар як пасвандро дар алоҳидагӣ мутобиқи тартиби алифбо таҳлилу баррасӣ

менамояд. Зимни таҳқиқ ба моҳияти дар калимасозӣ доштаи пешванд, ки донишмандони соҳа зикр кардаанд, таваҷҷуҳ карда мешавад. Дар таҳқиқ ба омори калимаҳои сохтаи ҳар як пешванд аҳаммият дода шудааст. Аз ҷумла, дар ҷадвали №1 басомади пешванду пешвандгунаҳои калимасоз пешниҳод мегардад. Мутобиқи ин ҷадвал дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ **пешванди ба-** теъдодӣ 3 вожа, **пешванди бар-** ба миқдори 3 вожа, **пешванди бе-** ба миқдори 65 калима, **пешванди бо-** тедоди 7 вожа, **пешванди но-** ба миқдори 60 калима, **пешвандгунаи пур-** ба миқдори 40 калима, **пешвандгунаи хуш-** теъдоди 22 вожа, **пешвандгунаи дил-** ба миқдори 12 вожа ва **пешвандгунаи сер-** ба теъдоди 22 калима сохтаанд. Мисолҳо дар ҷумлаҳои мансуб ба «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ эътимодбахшанд.

**Боби дуюми** диссертатсия **«Калимасозии сифат бо пасвандҳо дар Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ»** унвон дошта, аз 18 фасл иборат аст ва дар ҳар фасл як пасванд мавриди баррасӣ қарор мегирад. Албатта, доир ба пасвандҳо дар забони адабии тоҷикӣ ва дар забони осори адибони гуногун таҳқиқоти муҳимми илмӣ мавҷуд аст, ки зимни таҳқиқи ҳар пасванд унвонҷӯй онҳоро ёдоварӣ мекунад ва муҳимтарин андешаҳои олимон доир ба пасвандҳо таҳлил мешавад. Дар таҳқиқ ба масъалаи асосии калимасозӣ дараҷаи корбурди онҳо таваҷҷуҳ шуда муайян карда шудааст, ки дараҷаи истеъмоли пасвандҳо ва басомади калимаҳои сохта тавассути онҳо як хел нест. Дар “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ пасвандҳои сифатсози **-ӣ, -нок, -манд, -она** ва **-гар** чун пасвандҳои сермаҳсул муаррифӣ шудаанд. Маълум мегардад, ки бо пасванди **-она 62 калима,** бо пасванди **-нок 18 калима**, бо пасванди -**манд 7 калима,** бо пасванди **-гар 11 калима** сохта шудааст, ки аз гуногунии басомади калимаҳои сохта дарак медиҳад.

Аз матни диссертатсия маълум мегардад, ки унвонҷӯй дар асоси калимаҳои сохташуда ба гурӯҳи пасвандҳои каммаҳсул унсурҳои грамматикии **-а, -вар, -ин, -онӣ**-ро мансуб медонад. Бо пасванди **-а 12 вожа,** бо пасванди **–вар 2 вожа,** бо пасванди –**ин 24 калима** ва бо пасванди **-онӣ 2** калима сохта шудааст.

Муҳаққиқ пасвандҳои **-ик, -ак, -акӣ, -ам, -ваш, -гун, -фом** ва **-чак**-ро чун пасвандҳои бемаҳсул муаррифӣ кардааст. Бо пасванди -**акӣ 2** вожа, бо **-ам 3 вожа** ва дигар пасвандҳо як калимагӣ сохта шудааст.

Боби **сеюми** диссертатсия **«Сохтори сифатҳои мураккаб дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ»** унвон дошта, аз 3 фасл иборат аст. Дар ин фаслҳо доир ба сифатҳои мураккаби пайваст, тобеъ ва омехта

дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» таҳқиқ анҷом гирифтааст.

Дар ин боб аз заҳматҳои олимони соҳа, аз ҷумла, В. С. Расторгуева, Л. С. Пейсиков, Б. Ниёзмуҳаммадов ва Л. Бузургзода, Ш. Н. Ниёзӣ, С.Ализода, Д. Саймиддинов, Ш. Рустамов, С. Ҳалимов, С. Низомова, С.Ғаниева ёдовар шуда, нақши «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» [нашри 1985]-ро дар баррасии қолибҳои калимаҳои мураккаб арзишманд дониста шудааст.

**Фасли аввали боби сеюм «**Сифатҳои мураккаби пайваст» ном дошата, ба таҳқиқи сифатҳои мураккаби пайваст бахшида шудааст. Ҳангоми таҳқиқ муаллифи рисола дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ сифатҳои мураккаби пайвастро бо қолибҳои такрори бевоситаи калимаҳо, ки теъдоди онҳо 22 адад аст, муайян кардааст, ки дар байни онҳо такрори исм (**дангар-дангар, тиқ-тиқ, қатра-қатра, тӯб-тӯб, чакра-чакра, дона-дона, порча-порча, хир-хир, пастак-пастак),** такрорёбии сифат (**калон-калон, хурд-хурд, сахт-сахт**) муҳим арзёбӣ мегардад.

**Фасли дуюми боби сеюм «**Сифатҳои мураккаби тобеъ» буда, саравval масъалаҳои назариявии марбут ба масъаларо таҳқиқ менамояд. Баъдан, ба баррасии қолибҳои калимасозии вожаҳои мураккаби тобеъ дар «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ мепардозад. Аз рӯйи мушоҳидаҳои унвонҷӯй дар асари мазкур бо қолибҳои калимаҳои мураккаб **619** адад вожа сохта шудааст, ки ҳамаи онҳо оварда мешавад. Онҳо дар қолибҳои исму исм, сифату исм, исму сифат, сифату сифат, ҷонишину исм, исму асоси замони ҳозираи феъл, исму сифати феълӣ, сифату сифати феълӣ, исму асоси замони гузаштаи феъл, масдару сифат, сифату асоси замони ҳозираи феъл, шумораву исм, сифату асоси замони гузаштаи феъл, зарфу исм ва зарфу асоси замони ҳозираи феъл дар маҷмуъ дар 15 қолиб мавриди таҳқиқ қарор мегиранд.

Дар идомаи ин фасл 6 қолиби калимаҳои сифатии бисёрҷузъаи мураккаби тобеъ баррасӣ мегардад.

**Фасли сеюми боби сеюм «**Сифатҳои мураккаби омехта» ном дорад. Дар ин фасл ҳам масъалаҳои назариявии сифатҳои мураккаби омехта баррасӣ мешаванд ва баъдан ба таҳқиқи ин навъи калимаҳои мураккаб пардохта мешавад. Маълум мегардад, ки дар сохтани сифатҳои мураккаби омехта дар «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ пасвандҳои **-а** ва **-ӣ** нақши муҳим доранд. Муаллифи рисола сифатҳои мураккаби омехтаи бо пасванди **-а** сохташударо аз рӯйи сохтор ба чунин қолабҳо ҷудо кардааст: исму феъл (**зарбахурда, дилмонда);** сифату феъл (**фартутшуда, муҳтоҷшуда, сурхшуда, пачақшуда);** шумораву исм: **сеҳарфа, шашмоҳа,**

**яктира, яклунҷа, дуҳарфа, ҳаштмоҳа, яксоата, якроҳа);** ҷонишину исм (**ҳаррӯза, онвақта, онсола)** ва сифатҳои мураккаби омехтаи бо пасванди **-ӣ** сохташударо ба қолибҳои зерин ҷудо карда, таҳқиқ намудааст: исм+исм+пасванд: **рӯйисаҳнӣ, сарипойӣ, ордиҷуворигӣ, ҷӯбичормағзӣ, пӯстигӯсфандӣ ва ғ.);** исм+бандаки изофӣ+сифат+пасванд (**хиштихомӣ, равғанизардӣ);** исм+асоси замони ҳозираи феъл+пасванд (**саломгирӣ, сармохӯрӣ, риштабарорӣ, командадиҳӣ);** исму +сифати феълӣ+ пасванд: (**хиштипухтагӣ);** сифат+асоси замони ҳозираи феъл+пасванд (**сарднӯшӣ);** шумора+исм+пасванд (**дупохсагӣ, чорбандӣ, якҳафтагӣ);** ду асоси замони ҳозираи феъл ва пасванди калимсозӣ -ӣ **(андозандозӣ);** пешоянди номӣ+исм+пасванд (**берунишаҳрӣ, болоибомӣ, даруникуртагӣ);** Пешоянди номӣ +ҷонишин+пасванд (**байнихудӣ);** сифати феълӣ+масдар+пасванд (**шинохташуданӣ)** яъне дар маҷмуъ онҳоро дар 10 қолиб баррасӣ мекунад. Дар идомаи ин фасл сифатҳои сеҷузъаро 6 қолиб мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Дар анҷоми **боби сеюм** басомади калимаҳои мураккаби тобеъ дар ҷадвал оварда шудааст.

**Хулосаи** кори диссертатсияи Шаҳнозаи Турсунзода дар 8 банд оварда шуда, муҳимтарин андешаҳои муаллиф гирд омадаанд. Ҳамчунин, 7 тавсияи муаллиф дар бахши **тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ** оварда шудааст. Рӯйхати адабиёт номгӯйи адабиёти зарурии илмиест, ки микдорашон ба 188 адад мерасад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти назарии кори диссертатсионии унвонҷӯй Шаҳнозаи Турсунзода дар он аст, ки ӯ ба таҳқиқи масъалае машғул шудааст, ки он дар ташаккули таркиби луғавии забон яке аз воситаҳои асосӣ ба шумор меравад. Пажуҳишҳои назарии дар кор истифодашуда ва андешаҳои илмии худи муаллифи рисола дар баррасиҳои олимони соҳа чун маводи илмӣ метавонанд истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии кори диссертатсионӣ дар он аст, ки натиҷаҳои онро метавон дар таҳияи дастурҳои таълимию китобҳои дарсӣ, баргузории курс ва семинари назарию амалӣ истифода кард. Вижагиҳои назарии диссертатсияро забоншиносон, унвонҷӯён, донишҷӯён ва дигар алоқамандони соҳа истифода карда метавонанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 20 мақолаи илмӣ нашр кардааст, ки аз ин номгӯй 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва 12 мақола дар маҷмуаи мақолаҳои конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро пурра инъикос менамоянд. Теъдоди маводи чопшудаи диссертант ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Шаҳнозаи Турсунзода дар мавзуи «Калимасозии сифат дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01–Забони тоҷикӣ ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, таҳти № 493 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар радифи муваффақиятҳои илмӣ дар диссертатсия баъзе камбудию норасоиҳо ба чашм расиданд, ки бо мақсади ислоҳи онҳо дар корҳои таҳқиқии ояндаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Ҳарчанд, муаллифи диссертатсия ба омӯзиши назариявӣ ва корҳои ба калимасозӣ бахшидашуда шавқу завқи калон дорад, аммо дар кори илмӣ доир ба тадқиқоти дар солҳои охир ба анҷом расида маълумот намедиҳад. Аз ҷумла, доир ба корҳои илмӣ-тадқиқии Ш. Кабиров, З. Мухторов, М. Б. Норов, А. Амлоев, Ҷ .Валиев, А. Тоирзода, М. Зоитова, Ф. Ҷурабекова, М. Анварӣ, Г. Ииброимова ва дигарон.

2. Хуб мешуд, ки пасванду пешвандҳои калимасоз на аз рӯйи алифбо, балки аз рӯйи маҳсулнокиашон баррасӣ мешуданд. Ба ин маънӣ, дар боби якум ва дуюми диссертатсия фаслҳо пешвандҳои//пасвандҳои сермаҳсул, каммаҳсул ва бемаҳсул илова шуда, роҳи таҳқиқро равшантар мекард.

3. Дар нишон додани маҳсулнокии пешванди ба- ихтилофи назар мушоҳида шуд. Муаллифи рисола онро аввал бемаҳсул, баъдан каммаҳсул (саҳ. 20 дисс.) ва дар саҳифаи баъди сермаҳсул муаррифӣ мекунад. Дар саҳифаи 22 ин пасвандро камистеъмол

арзёбӣ мекунад. Хуб мешуд, ки муаллиф ба як хулосаи мантиқӣ меомад.

4. Дар саҳифаи 23-и диссертатсия гуфта мешавад, ки “азбаски пешванди бар- дар калимасозии ҳиссаи гуногуни нутқ, ба мисли сифат, зарф, феъл иштирок мекунад, онро метавонем бо истилоҳи махсуси забоншиносӣ синоморфема гӯем”. Дар ин ҳолатҳо пасвандҳо на синоморфема, балки муштараквазифа мешаванд, яъне ҳамон як пасванд дар доираи чанд ҳиссаи нуқт корбурд дорад.

5. Дар боби якум калимаҳои мустақилмаънои пур, хуш, дил ва сер ҳамчун пешвандгуна мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Албатта ин мавқеи илмии унвонҷуй аст. Аммо серистеъмолии калимаҳо сабаби вандгуна шудани онҳо нест, калимаҳои мустақилмаъно дар сурате ба ҳайати вандгунаҳо шомил мегардад, ки онҳо маънои луғавиашонро суст карда бошанд. Дар ин ҷо вожаҳои пур, хуш, дил ва сер мустақилияти луғавии худро пурра нигшоҳ доштаанд ва дар сохтани калимаҳои мураккаб саҳм доранд.

6. Дар таҳқиқи сифатҳои мураккаб калимаҳои зиёде ҳастанд (аз.ҷумла, қадбаланд, ришкалон, нугтез, салласафед ва ғ. саҳ. 126 дисс.), ки роҳи калимасозии онҳо факки изофат аст, аммо инро унвонҷӯй чандон аҳаммият надодааст.

7. Агар дар таҳқиқи калимаҳои мураккаби тобеъ ва омехта зинаҳои калимасозӣ ба назар гирифта мешуд, баррасии калимаҳои ин гурӯҳ мантиқӣ сурат мегирифт, зеро хусусияти барҷастаи калимаҳои мураккаби омехта як зинаи калимасозӣ доштани онҳост. Агар калимаҳои мураккаб ду ва ё зиёда зинаи калимасозӣ дошта бошад, омехта шуда наметавонад, зеро қолиби калимасозӣ дорад.

8. Дар саҳифаҳои 5, 6, 7, 8, 9, 10, 11, 12, 13, 15, 18, 24, 25, 35, 108, 134, 141 -и диссертатсия ғалатҳои имлоиву техникӣ, аломатҳои китобат ва ҷо-ҷо услубӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо ба ҳусни кор меафзуд.

Эрод ва камбудиҳои зикршуда ислоҳшавандаанд ва арзиши баланди илмию амалии кори Шаҳнозаи Турсунзодаро кам намекунанд. Онҳоро метавон зимни таҳия ва нашри монография ба назар гирифт.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Шаҳнозаи Турсунзода дар мавзуи «Калимасозии сифат дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ

ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**МУҚАРРИЗИ РАСМӢ:**
доктори илмҳои филологӣ,
раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳматуллозода С.Р.
«20» августи соли 2025

Нишонӣ: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон ,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
кӯчаи Н. Қарабоев 84/4, хуҷраи 22.
Тел.: (+992) 919002178.
E-mail: saxidodi@list.ru

«Имзои С.Р. Раҳматуллозодаро тасдиқ мекунам»
Сардори шуъбаи кадр ва корҳои махсуси
Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуллоев Ш.
«20» августи соли 2025

**Нишонии муассиса**: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25,
Кумитаи забон ва истилоҳоти назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: +992 (37) 227 59 38; +992 (37) 227 78 29
Сомонаи муассиса: www.kumitaizabon.tj
E-mail: kumitaizabon@mail.ru